Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар муассисаҳои таълимӣ, ки ниҳоди муҳими иҷтимоӣ ба шумор меравад, дар самти тарбияи хонанда ва самарабахш гардондани раванди таълим бо истифода аз педагогикаи халқӣ ба масъалаи мубрами ҳаёти иҷтимоии ҷомеа табдил ёфтааст.

Низоми таълиму тарбия ва афкори педагогии миллии муосир, ки тарбияи шаҳрвандони ояндаро ба зимма гирифтааст, бояд ҷомеа, аз ҷумла насли наврасро бо арзишҳои моддию маънавӣ, назарияҳои пешқадам ва сарчашмаҳои нодир, мероси адибону олимони бузург шинос созад. Ҳадафи асосӣ тарбияи инсони комил, рушди некӯаҳволии он, муҳайё намудани шароити коркарди механизмҳои муассири татбиқи барномаҳои рафтори иҷтимоӣ мебошад.

Унвонҷӯ Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар кори таҳқиқотии худ ба яке аз масъалаҳои мубрам таваҷҷуҳ намуда, ба ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон пажуҳиш намудааст. Муҳаққиқ Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна ба мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ» кори таҳқиқотӣ гузаронида, масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намудааст.

Ҳадафи таҳқиқот таҳқиқи ҷанбаҳои педагогӣ ва методологии раванди ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон мавриди истифодаи педагогикаи халқӣ дар фаъолияти беруназтаълимӣ мебошад.

Бозёфти илмии рисолаи мазкур бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи муосири пажӯҳиш масъалаи истифодаи педагогикаи халқӣ дар фаъолияти беруназтаълимӣ баррасӣ намуда, хусусиятҳои таъсири онҳоро ба ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар шароити муосир ошкор намудаст.

Муаллиф дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву адабӣ ва махсусан таърихӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро мавриди истифодаи педагогикаи халқӣ дар фаъолияти беруназтаълимӣ муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор

гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Рисолаи мазкур, аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.

Муаллифи рисола дар муқаддима муҳимияти мавзуи рисоларо асоснок намуда, объект, предмет, мақсад, вазифа ва фарзияи таҳқиқот муайян карда, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ муайян ва маълумоти заруриро дар бораи санҷидани дурустии натиҷаҳои таҳқиқот оварда, коркарду татбиқи натиҷаҳои корро мулоҳизаронӣ кардааст.

**Боби якуми диссертатсия** "Асосҳои назариявӣ-амалии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон" номгузорӣ гардида, дар зербоби якум "Масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар адабиёти психологӣ-педагогӣ ва методӣ" таҳлил гардида, дар асоси дастовардҳои педагогикаи муосири тоҷик ва бо назардошти ақидаҳои педагогии ниёгон "Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия шудааст, ки дар он тарбияи миллии мардум бори аввал ба таври консепсионӣ гузошта шуда, дарк ва ифтихори миллии шаҳрвандон боло гирифта, афкори умум ба амал меояд.

Тарбияи миллӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад. Чунин шаҳрванд қодир аст, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намояд, нисбати зуҳуроти манфии ҷомеа аз лиҳози танқидӣ назар кунад, Ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад.

Дар зербоби дуюм «Педагогикаи халқӣ ҳамчун заминаи тарбияи маънавию ахлоқӣ ва худшиносии наврасон» масъалаи ташаккули тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас дар педагогикаи халқӣ таҳлил гардидааст.

Дар фасли сеюм "Роҳу усулҳои ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон мавриди истифода аз арзишҳои миллии халқи тоҷик" иброз гардидааст, ки дар ҷомеаи кунунӣ дониш, маҳорат ва малака барои фаъолияи инсон ва барои мавқеи устувор пайдо кардан дар ҷомеа зарур мебошанд.

**Боби дуюми диссертатсия** «Технологияи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ» ба корҳои таҷрибавӣ бахшида шудааст, ки дар асоси он барномаи «Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» коркард гардида, ба амал бароварда мешавад.

Дар зербоби якум «Вазъи масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар замони муосир» номгузорӣ гардидааст, масъалаи тарбияи наврасон дар Тоҷикистон паҳлӯҳои мухталиф дошта, аз ҷониби олимону таҳлилгарон равандҳои фикрӣ ва фарҳангии муҳити онҳо ба таври алоҳида омӯхта мешавад, ки иҷрои ин амал барои шинохти зарфиятҳои мавҷуда ва таҳдиду хатарҳои муосир имкони фарохеро ба миён меорад.

Дар зербоби дуюм «Корҳои таҳқиқотӣ-озмоишии раванди худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ» баргузории корҳои озмоишӣ, мақсад ва вазифаҳои марҳилаҳо, роҳҳо ва усулҳои гузаронидани корҳои таҷрибавӣ тавсиф карда шудаанд.

Зербоби сеюми боби дуюм «Таҳияи барнома ва самаранокии истифодаи он дар ҷаҳонбинии миллии наврасон» номгузорӣ шуда, бо назардошти гуфтаҳои боло дар марҳилаи ташаккули омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 10,1-и ноҳияи Восеъ, №21-и шахри Кӯлоб ва №№35,36-и шаҳри Душанбе «Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти беруназтаълимӣ» мавриди татбиқ қарор ёфтааст.

Унвонҷӯ таъкид мекунад, ки дар самти маърифатнокию ҷаҳонбинӣ наврасон худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва масъулияти шаҳрвандии онҳоро баланд бардоштан лозим аст. Дар ин ҷода ба барномаи таълимии муассисаи таълимӣ бештар дохил намудани асосҳои миллии таълиму тарбия мавқеи баланд дорад. Дар ин кор бояд муҳити таълимии мукаммал, ки фаъолияти ҷории таълимӣ, берун аз синфӣ ва берун аз муассисаи таълимиро дар бар гирифта, хусусиятҳои таърихӣ-фарҳангӣ, этникӣ ва минтақавиро дорад, ташаккул дода шавад.
Бояд гуфт, ки автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҳалли масоили марбут ба тарбияи ҷамъиятии хонандагони хурдсол банду баст ва хулосаҳои амиқи илмӣ пухта кор карда шудааст.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Муқарриз:
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино — Юлдошев У.Р.

Имзои У.Р. Юлдошевро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати рушди кадрии
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино — Сафаров Б.И.